## Тақризи

ба автореферати Шамсова Бибихосият Қудратовна бо унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Равандҳои муосири ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамкории муассири касбиро бо забонҳои хориҷӣ дар соҳаҳои гуногуни дониш талаб мекунанд. Ин метавонад сабаби рушди босуръати равобити хориҷӣ, муайян кардани мавқеи мамлакати мо дар ҷаҳон бошад. Донистани забонҳои хориҷӣ барои мутахассисони ояндаи соҳаҳои илм, фарҳанг, иҷтимоиёт, иқтисодиёт ва амсоли инҳо хеле зарур ба назар расад, зеро фаъолияти онҳо барои ноил шудан ба ҳамкории бомуваффақият байни кишварҳои гуногун равона шудааст.

Барои пайгирӣ намудани масъалаи мазкур пеш аз ҳама мушкилоти ҷойдоштаро баррасӣ намудан зарур мебошад. Баланд бардоштани салоҳиятҳои шахсӣ, касбӣ, лингвистӣ ва фарҳангии мутахассисони ояндаи соҳаи иқтисод мушкилоти муайяншудаи соҳа ба шумор мебоWhile Барои ҳалли он мебояд таҳқиқотҳои илмӣ гузаронда, аз натиҷаҳои он дар ҷараёни таълим васеъ истифодаи амалӣ бурд.

Масъалаи таҳқиқшаванда аз ҷониби Шамсова Бибихосият Қудратовна ба чанд ҷониб равона гаштааст. Муҳаққиқ пайгири масъалаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ буда, дар баробари ин, ҳолат ва мушкилоти таълими забони англисиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медиҳад. Б.Қ. Шамсова дониш, малакаю маҳорат ва фаҳмиши илмии худро васеъ истифода бурда, аввалан масъаларо ба таври назариявӣ омӯхтааст. Сипас, методҳои муосир ва инноватсионии таълимро дар самти тадриси забони англисӣ ба ихтисосҳои иқтисодӣ дар қисмати амалии кор пешниҳод сохтааст. Дар ҳарду қисмати кор низ ба фикру ақидаҳои муҳаққиқони барҷаста такя намуда, мулоҳизаҳои худро манзур сохтааст. Дар асоси натиҷаи тадқиқот, ки дар чанд марҳила сурат гирифтаанд, хулоса ва пешниҳодоти

диссертант пешниҳод гаштааст. Саҳми бевоситаи Б.Қ. Шамсова дар таҳлилу баррасӣ ва муайянсозии мушкилоти мавзуи таҳқиқ, яъне методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ хеле назаррас мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар давоми солҳои 2018-2022 дар чорабиниҳои илмии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шакли мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардиданд.

Баъди дар шакли монография омода шудани натиҷаи таҳқиқот, муҳаққиқони ҷавон, бахсус унвонҷуёну докторантон метавонад аз он васеъ истифода намоянд.

Диссертатсияи илмӣ таҳқиқотии Шамсова Бибихосият Қудратовна «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» унвон гирифта, дорои аппарати (сохтори) илмии ба талаботҳо ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, зербобҳо, хулосаи зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Адабиёти илмӣ, таълимӣ, методӣ ва дигар сарчашмаҳои истифодашуда, ки шумораашон 190 ададро ташкил медиҳанд, бо тартибу талаботи муайян дар охири кор ҷой дода шудаанд.

Барои ба таври мухтасар ва мушаххас ошноӣ пайдо кардан бо диссертатсия, дар муқаддима мақсад, вазифа, объект, мавзуъ (предмет), фарзия, навгонӣ ва дигар маълумотҳо оварда шудаанд. Қисмати мазкури кор ба талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Боби аввали кор «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ» унвон гирифта, хусусияти назариявӣ дорад. Б.Қ. Шамсова ба ақидаи муҳаққиқони ватанӣ, хориҷӣ, методистоне, ки фаъолияти касбии онҳо ба таҳқиқу баррасӣ ва таълими забони англисӣ мебошанд, такя намудааст. Мавсуф мавқеи олимони соҳаро нисбат ба масъалаи мавриди таҳқиқ нишон дода, ақидаҳои худро дар заминаи гуфтаҳои эшон пешниҳод сохтааст.

Боби дуюми кори илмӣ-тадқиқотӣ «Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ» ном гирифта, марҳилаи амалии таҳқиқот ба шумор меравад. Интихоби методҳои муосири таълим, роҳу воситаҳои таълим, истифодаи амалии онҳо, натиҷагирӣ аз озмоиши таҷрибавӣ бо хулосаҳои ҷамъбастии муҳаққиқ рӯи кор омадааст. Муҳаққиқ ба самти назарияи таҳқиқот такя карда, корҳои амалӣ дар ин қисмат анҷом додааст. Ташкили назарсанҷию пурсишномаҳо миёни донишҷӯён, гузаронидани тестҳои санҷишӣ ва дарсҳои таҷрибавӣ барои ҷамъбасти кори таҳқиқот мусоидат намудааст.

Хулосаи ниҳоии диссертатсияи мазкур назария ва фикри Б.Қ. Шамсоваро инъикос менамояд. Дар ин қисмати кор вобаста ба ҷамъбасти кори таҳқиқот, муайян намудани мушкилот, пешниҳоди роҳу усулҳои рафъи мушкилот маълумоту пешниҳодҳои мушаххасро оварда шудааст.

Дар дохили кор ғалатҳои техникӣ, грамматикӣ ва имлоӣ вуҷуд доранд. Камбудиҳои ҷойдошта арзиши илмии диссертатсияро паст намекунад ва диссертатсияи илмӣ-таҳқиқотии мазкурро метавон кори илмии бaанҷомрасида ҳисобид.

Диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовна дар мавзуи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» кори илмӣ-таҳқиқотии бaанҷомрасида ҳисобида шуда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои педагоги,
дотсент, мудири кафедраи
методикаи таълими забонҳои хориҷии
ДДБ ба номи Носири Хусрав Қаршиева Гулҷаҳон Гулмуродовна

Имзои дотсент, Қаршиева Гулҷаҳон Гулмуродовна
тасдиқ мегардад.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

07.05.2023

**Суроға:**
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Сомона:http://btsu.tj
E-mail: gulnoz.qarshieva@mail.ru
Тел.: 900134745

Тақризи

ба автореферати Шамсова Бибихосият Қудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Дар замони мо, бо пешрафти илму техника донистани забонҳои хориҷӣ масъалаи мубрам ба шумор меравад. Миёни забонҳои хориҷӣ, забони англисӣ имрӯзҳо на танҳо забони равобити байналмилалӣ, балки забони илму маориф, технологияҳои иттилоотию инноватсионӣ, забони чорабиниҳои сатҳи баланд дониста мешавад. Ба ҳамин мақсад, мутахассисони ояндаро зарур аст, ки барои рақобатпазир ва ҷавобгӯй будан ба талаботҳои бозори меҳнат, бояд донандаи забонҳои хориҷӣ бошанд. Барои иҷрои босифати фаъолияти касбии худ мутахассисон мувофиқи стандартҳои мавҷудаи таҳсилот, фаъолияти касбиашонро на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он, дар сатҳи байналмилалӣ низ метавонанд ба роҳ монанд.

Дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ барои мутахассисони оянда нисбат ба омӯзиши сохтори забон, азхудкунии лексикаи касбӣ ва истилоҳоти тахассусӣ мавқеи махсусро касб менамояд. Илова бар ин, ғанӣ гардонидан ва густариш додани захираи луғавии донишҷӯён яке аз муҳимтарин вазифаҳои таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад.

Паҳлуҳои назариявӣ ва амалияи мавзуи таҳқиқот дар асарҳои бунёдӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби бисёр муҳаққиқони зиёди сатҳи ҷаҳонӣ аз қабили Б.В. Беляев, В.Н. Вагнер, Н.И. Гез, П.Б. Бурвич, И.В. Рахманов, С.Ф. Шатилов, Р. Оксфорд (R. Oxford), Р.Р. Ҷордан (R.R. Jordan), Е.К. Ҳорвитс (E.K. Horwitz) ва дигарон мавриди таҳқиқи амиқу дақиқ қарор гирифтааст.

Дар самти таҳқиқи лексика, истилоҳоти соҳаҳои гуногун олимони тоҷик аз қалиби Г.М. Ҳоҷиматова, Т.В. Гусейнова, И.Х. Каримова, С.Н. Алиев, А. Мамадназаров, П. Ҷамшедов, З.Х. Сайфуллоева, Ш.Б. Каримов ва дигарон низ таҳқиқотҳои илмӣ бурдаанд.

Мавзӯи илмӣ-тадқиқотии Шамсова Бибихосият Қудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» бевосита таҳқиқу омӯзиши таълими забони англисӣ дар ихтисосҳои иқтисодӣ, ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯёнро дар бар мегирад. Дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта хулоса ва пешниҳодоти диссертант манзур гардидааст. Саҳми бевоситаи Шамсова Бибихосият Қудратовнаро дар таҳлилу муайян кардани мушкилоти мавзуи таҳқиқ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он хеле калон буда, ба он метавон баҳои арзанда дод.

Таҳқиқу таҳлили амиқ ва мушаххаси Шамсова Бибихосият Қудратовна дар муайян намудани роҳҳои самараноки ташаккули салоҳиятмандии касбии иқтисодчиёни оянда сарчашмаи илмӣ шуда метавонад. Бо пешрафти босуръали илму фарҳанг ва технологияҳои инноватсионӣ ва таълимӣ, таҳқиқоти илмии мазкурро наметавон ниҳояти кори илмӣ-таҳқиқотӣ шуморид. Муҳаққиқон, унвонҷӯён ва докторантон метавонад минбаъд диссертатсияи мазкурро ҳангоми дар шакли монография чоп шудан, ҳамчун роҳнамо ва сарчашмаи илмӣ истифода намоянд.

Диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовна дар мавзуи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» аз муқаддима, ду боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Кори илмӣ-таҳқиқотти мазкур аз лиҳози сохтор ва аппарати илмӣ ба талаботҳои иҷрои корҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Муқаддимаи диссертатсияи мазкур дар асоси қоида ва талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гашта, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет,

фарзия, навгонӣ, давраҳои таҳқиқот ва дигар маълумотҳои заруриро дар бар мегирад.

Дар боби аввали диссертатсия, ки «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ» унвон гирифтааст, Б.Қ. Шамсова ба ақидаи олимони соҳа ва методистон такя намудааст. Мавсуф фикру ақидаи олими соҳаро дар хусуси мавзуи таҳқиқ инъикос намуда, фикру ақидаҳои худро пешниҳод сохтааст.

Қисмати мазкур аз се зербоб иборат буда, фарогири ақидаҳои назариявии мавзӯи таҳқиқот аст. Мавқеи истилоҳоти касбии хориҷӣ дар раванди таълими забони англисӣ муайян намуда, таснифоти истилоҳоти иқтисодиро бо забони англисӣ пешниҳод месозад.

Дар боби дуюми кор «Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ» пеш аз ҳама интихоби методҳои муосири таълим, роҳу усулҳо ва воситаҳои таълим, истифодаи онҳо дар таълими забони англисӣ оварда шуда, баъдан натиҷагирӣ аз озмоиши таҷрибавӣ ва хулосаи ниҳоии муҳаққиқ пешниҳод гардидааст.

Чор зербоби ин қисмати кор ба тавсифу баррасии принсипу усулҳои интихобу истифодаи истилоҳоти иқтисодӣ, меъёрҳои тадриси онҳо дар ҷараёни таълим, маҷмӯи машқу супоришҳо дар таълими истилоҳоти англисии иқтисодӣ бахшида шудааст. Ташкили озмоиши таҷрибавии таълими истилоҳоти англисии иқтисодӣ ва таҳлили натиҷаҳои он боби мазкурро ба охир мерасонад.

Дар баробари комёбиҳо ва бартариҳои таҳқиқот дар автореферати диссертатсия ҷо ҷо ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд. Ҳам дар боби аввал, қисмати назариявӣ ва ҳам дар боби дуюм, қисмати амалии кор ба чашм мерасанд. Бовуҷуди ин, хатогиҳои ҷойдошта арзиши илмии диссертатсияи илмӣ-таҳқиқотии мазкурро коста намегардонад, аз ҳамин лиҳоз онро метавон кори баанҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ шуморид.

Хулоса, диссертатсияи Шамсова Бибихосият Кудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) аст.

**Муқарриз:**

н.и.п., дотсенти кафедраи
забонҳои Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ соҳибкории Тоҷикистон Пиров Қурбонали

Имзои Пиров Қурбонали тасдиқ мекунам,
Сардори шуъбаи кадрхо ва корҳои махсуси
ДБССТ Ҷураев Ш.

**Суроға:**
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 45/5.
**Тел.:** (+992 37) 2 34-88-00, факс: 2- 34- 88- 02
**Сомона:** www.iutet. tj
**Email:** mail: dsx_ ips@mail.ru